Варзиш солимии ҳар фарди ҷомеа

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 25 Май, 2024 - 11:11
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 2024, №18096 (26.5) ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ-варзишӣ, солимгардонӣ, машқҳои пагоҳирӯзӣ ва

терренкур-роҳгардии саломатӣ таҳти унвони «Миллати ҷисман солим руҳан низ муқтадир ва шикастнопазир аст», ки бо дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри таъмини оммавияти варзиш ва таҳкими солимии миллат, зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ санаи 23-юми майи соли 2013 баён кардаанд, санаи 25-уми майи соли 2024 соати 7:30 то 8:30 дар Боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи «Низомиддин Алишер Навоӣ» дар машқи пагоҳирӯзӣ иштирок намуданд.

Дар боғи мазкур, ки аз ҷониби намояндаи масъули Муассисаи давлатии «Мактаби ҷумҳуриявии махсуси варзишӣ оид ба намудҳои гуштин» чорабинӣ раҳнамоӣ гардид, барои ҳар як шаҳрванд судманд буда, барои ҳифзу тарбияи бадан – солимии ҳар фарди ҷомеа муҳим арзёбӣ мегардад.

Аксҳо аз рафти иҷрои машқи пагоҳирӯзӣ:

Баҳодиҳии муҳтаво: 5

Баҳои миёна: 5 (3 овоз)

Rate

Категория:

- Ахбори рӯз [2]

-

-

-

-

-

-

-

Манбаъ::http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/varzish-solimii-khar-fardi-chomea?mini=2024-11&page=8

Пайвандҳо
[1] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/0005_0.jpg [2] http://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0001_0.jpg [4] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0002.jpg [5] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0003.jpg [6] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0004.jpg [7] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0005_0.jpg [8] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0006.jpg [9] http://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0007_0.jpg